**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14- Иқтисодиёти ҷаҳонӣ**

Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот. Гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тайи солҳои 2016-2020 сурат гирифтааст, механизм ва усулҳои нави ҳамкории кишвар бо созмонҳои байналмилалиро дар самти муносибатҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва тиҷоратӣ тақозо менамояд. Дар ин маврид, дарёфти бозорҳои фуруш, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҳамгироии истеҳсолӣ мавқеи марказиро дар ин муносибатҳо ташкил менамоянд. Махсусан, дарёфти сарчашмаҳои молиявии бузург вазифаи аввалиндараҷа ва асосии кишвар дар роҳи таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба шумор рафта, иҷрои ҳадафҳои стартегии кишвар аз он зич алоқаманд мебошанд.

Суръати сусти ташаккули маблағҳои дохилӣ водор месозад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати ҷалби сармояи хориҷӣ чораҷӯӣ намуда, тамоми механизм ва имкониятҳоро бояд истифода намояд. Аз тамоили ҳаракати сармояи мустақим дидан мумкин аст, ки сармояи мустақим асосан аз давлатҳои тараққикарда ба давлатҳои тараққикарда, ба соҳаҳои рушди технология, инноватсия ва бозорхои васеъ майл намуда истода, пайи дарёфти фоидаи зуд ба дастмеомада мебошад. Майли ҳаракати он ба иқтисодиёти сустараққикарда коҳиш ёфта, ба ҷолибияти сармоягузорӣ инчунин қафомонии ислоҳотҳои гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ, суръати муосиркунонии ҷомеаи кишварҳои сустараққикунанда таъсири манфӣ мерасонанд. Дар ин маврид, ягона роҳи таъмини норасоии сармояи зарурӣ барои таъмини рушди босубот барои кишварҳои аз лиҳози иқтисоди хурд ва сустараққикунада қарзҳо ва грантҳои созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ мегарданд.

Аммо, дар давраҳои охир дар асарҳои зиёди олимон чунин ақидаҳо дарҷ мегардад, ки созмонҳои моливии байналмилалӣ ва минтақавӣ рисолати аслии иқтисодии худро иҷро накарда, манфиати иқтисодии давлатҳои тараққикардаро пуштибонӣ менамоянд ва бо механизмҳои

коркардашудаи молиявӣ мавқеи давлатҳои қафомондаро дар ҷаҳони глобализатсионӣ суст намуда, бо ин восита вобастагии иқтисодиёти ин кишварҳоро аз кишварҳои тарққикарда боз зиёдтар мегардонанд.

Вале, омӯзиши назариявии масъалаи мазкур дар назарияҳои «такони беруна», «рушди худтаъминкунанда», «касри дугона» ва «назарияи гирдоби қашоқӣ» ба роҳ монда шуда, сатҳи баланди инкишофи назарияи ҳамкориҳои молиявиро байни давлатҳои тарққикарда ва рӯ ба тараққӣ дар онҳо баррасӣ гаштааст. Дар ин назарияҳо нақши созмонҳои байналмилалӣ дар рушд ва инкишофи давлатҳои қафомонда мусбӣ арзёбӣ гашта, грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок ҳамчун омили тақсимоти самараноки захираҳои молиявии ҷаҳонӣ ҷиҳати таъмини рушди баробари кишварҳои ҷаҳон арзёбӣ гаштааст.

Чунин носозгории назария ва амалия аз он гувоҳӣ медиҳад, ки механизмҳои ҳамкории давлатҳои алоҳида бо созмонҳои байналмилалӣ таҳлили нави методологӣ ва назариявиро бобати самаранок ва ба манфиати иқтисоди миллӣ равона намудани ин имкониятҳоро тақозо менамояд, ки аз рузмарра ва саривақтию актуалӣ будани интихоби мазӯи диссератаисионии Тағоев М.Р. шаҳодат медиҳад.

**Ҳадафи таҳқиқот** аз таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методӣ, инчунин баҳогузории сатҳу сифати ҳамкориҳо аз рӯи самтҳо ва такмилдиҳии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ (минбаъд СБММ), таҳияи пешниҳодҳо оид ба устуворгардонии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СБММ ва самаранокии истифодаи захираҳои молиявии онҳо дар таъмини рушди иқтисоди миллӣ иборат мебошад.

Ҳадафҳои таҳқиқоти илмӣ зарурати иҷрои вазифаҳои зеринро дар назди муаллиф гузоштааст:

- муайяннамоии мавқеи СБММ дар тараққиёти хоҷагии ҷаҳонӣ ва механизмҳои таъсиррасонии онҳо ба равандҳои таъмини рушди иқтисодии давлатҳои рӯ ба инкишоф;
- арзёбии зарурати ташкили СБММ дар самти татбиқи барномаҳои мусоидат барои рушд дар ҳошияи таъмини Ҳадафҳои рушди устувор;
- баҳодиҳии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СБММ ва арзёбии хусусиятҳои ҳамкории мутақобилан судманд;
- муттаҳидсозӣ, соддагардонӣ ва баҳодиҳии базаи ҳуқуқию меъёрӣ ва мутобиқати қонунгузории миллӣ ҷиҳати тақвияти ҳамкории тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ дар ҳалли масъалаҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ;

- аниқгардонии феҳристи СБММ ва муайянсозии ҷанбаҳои мусбат ва манфии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо бо мақсади баҳисобгирӣ ва истифодаи минбаъдаи ҳамкориҳои тарафайн;

- мушаххасгардонии самтҳои афзалиятнок ва аҳамияти стратегидоштаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ;

- муайянкунии аломатҳои интихоби лоиҳаҳои давлатию ғайридавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонва афзунгардонии самаранокии истифодаи захираҳои қарзии аз тарафи СБММ пешниҳодшаванда;

- аниқсозӣ ва пешниҳоди механизмҳои бештар самараноки ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ ва роҳҳои мукаммалгардонии онҳо дар шароити муосир.

Дар ҳалли вазифаҳои дар пеш гузоштташуда муаллиф аз маводҳои зиёди назариявӣ, методологӣ ва илмию оммавӣ, асарҳои олимони хориҷию ватанӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқии кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ, стартегия ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар сарчашамаҳои илмию таҳқиқотӣ истифода намуда, ба натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ноил гардида, онҳоро дар шакли навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия пешниҳод намудааст:

Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ва интишороти илмии муаллиф ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми диссертатсия **217** саҳифаро ташкил мекунад, ки аз он **188** саҳифаро қисми асосии таҳқиқот ва хулосаю пешниҳодот, **18** саҳифаро феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии муаллиф, **11** саҳифаро замимаҳо ташкил мекунанд. Дар диссертатсия инчунин **11** диаграмма, **9** расм ва **31** ҷадвал таҷассум ёфтаанд.

***Дар муқаддима*** мубрамияти мавзӯъ, баҳодиҳии дараҷаи илман коркардшудаи мавзӯъ, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯъ дарҷ гардидаанд.

***Боби якуми диссертатсия*** **-** “Заминаҳо ва асосҳои шарикии давлатҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ” номгузорӣ шудааст, ки дар он заминаҳои таърихӣ, иқтисодӣ, назариявӣ, консептуалӣ ва ҳуқуқии ташкилнамоии созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ ва зарурати ташкили ҳамкории давлатҳо бо онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ҳамзамон таҳаввулоти ташаккулёбии созмонҳо инъикос гардидааст.

*Дар боби дуюм* - “Таҳлили самаранокии ҳамкории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ” бошад, таҳлили тарҷеъӣ (ретроспективӣ) ва вазъи кунунии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ (СБММ) гузаронида шуда, динамикаи вориди маблағҳо дар татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои гуногун баҳогузорӣ шудаанд.

***Боби сеюми диссертатсия*** - “Дурнамои тавсеаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ” номгузорӣ шуда, дар он заминаҳои стратегии тақвияти ҳамкории Тоҷикистон бо СБММ, мукаммалагардонии усулҳо ва механизмҳои ҳамкории самараноки молиявӣ бо СБММ ва инчунин, муаммоҳои таъмини рушди иқтисоди миллӣ дар асоси шартҳои интихоб ва татбиқи лоиҳаҳо таҳлил гардидаанд.

***Дар хулоса ва пешниҳоди рисолаи илмӣ*** бошад, андешаҳои илман асосноккардашудаи муаллиф ҷиҳати тавсеаи ҳамкорӣ бо институтҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ ва роҳҳои бартараф кардани муаммоҳои ҷойдошта инъикос гардидаанд.

Ба назари мо аз бандҳои навгониҳои илмии пешниҳодшуда чор тои онҳо қобили таваҷҷуҳи бештарро доранд.

-дар асоси таҳлили тарҷеъӣ ва муосири фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ бори аввал гурухбандии давраҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ бо назардошти истифодаи механизмҳои истифодашуда гузаронида шудааст;

Муаллиф тавсеаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СБММ ба се давра (*давраи якум дар солҳои 1992-1997; давраи дуюм дар солҳои 1998-2004; давраи сеюм аз соли 2005 то ҳол*) ҷудо намудааст.

Давраи якум, солҳои 1992-1997, ҳамкорӣ бо СБММ асосан дар шакли кӯмакҳо дар шакли грантҳо, ки барои таъмини озуқаворӣ ва кӯмаки ройгони таъҷилии аввалия истифода мешуданд. Дар давраи дуюм, солҳои 1998-2004 бошад, барқарорсозии иқтисоди миллӣ идома ёфта, нишондиҳандаҳо беҳтар шуданд. Вобаста ба принсипи пешниҳоди кӯмаки расмӣ барои рушд (КРБР) баробари баланд гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ҳаҷми кӯмакҳои ройгон кам гашта, ҳиссаи қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат афзоиш ёфтааст, ки ин ҳамаҷониба таҳлил карда шудааст.

Давраи сеюми тавсеаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СБММ муаллиф аз соли 2005 то ин давра муайян кардааст. Маҳз рост

омадани давраи нави ҳамкорӣ аз ин сол ба андешаи муаллиф дар рушд ёфтан ва беҳ гаштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва ҳамзамон тобиши нав пайдо кардани ҳамкориҳо бо СБММ арзёбӣ мегардад, ки ин қобили қабул мебошад (саҳ. 63-67).

Дар ҳақиқат Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмак ва дастгирии СБММ бобати рушди ҷумҳурӣ Стартегияҳои милли рушдро барои солҳои 2015 ва то давраи соли 2030 таҳия ва қабул намуд, ки дар онҳо нақши СБММ на ҳамчун созмонҳои кӯмакрасон, балки ҳамчун шарикони рушд дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, мабалғгузориҳо дар соҳаи иҷтимоӣ, бахши молия, гидроэнергетика, маориф ва илм, хоҷагии деҳот, рушди тиҷорати хориҷӣ, дастгирии соҳибкорон, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дар ин замина таъмини ҳадафҳои рушди ҳазорсола иборат мебошад. Ин даврабандӣ имкон медиҳад дарк намуд, ки механизмми ҳамкориҳои оянда бо СБММ бояд бобати муҳайё намудани шароит ҷиҳати татбиқи модели «қарзҳои мувозингардонидашуда» равона гардида, қарзҳои мегирифта аз ҳисоби даромадҳои асъорӣ, содирот ва барзиёдии буҷет пардохт карда шаванд (саҳ. 74). Яъне дар давраҳои мибаъда низ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ ҳамкориро бояд идома диҳад ва дар баробари ин аз механизмҳои муосири замонавӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ истифода намуда, аз сарчашмаҳои молиявии арзон ва дарозмуддат бояд истифода барад.

-маълум карда шуд, ки мавқеъи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ ҳамчун давлати кӯмакгиранда боқӣ мондааст ва минбаъд бояд ба давлати татбиққунандаи масоили иқтисодӣ дар қабули қарорҳои идоракунӣ дар СБММ мақоми муайян пайдо намояд;

Муаллиф дуруст изҳор менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби дар марҳилаи гузариш аз як модел ба дигар модели рушд қарор доштанаш, ба маблағҳои калон эҳтиёҷ дорад ва назар ба ҷалби сармояи мустақим ҷалби мабалағҳои молиявӣ аз СБММ ба кишвар, ки бо фоизи паст ва муҳлатҳои дароз пешниҳод мегарданд, афзалиятнок боқӣ хоҳанд монд.

Навгонии зерин аз он ҷиҳат диққатҷалбкунанда аст, ки муаллиф дар натиҷаи омӯзиши васеи маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ таъкид месозад, ки на ҳама вақт кӯмак ва гранту қарзҳои имтиёзнок ба нафъи кишварҳои сустараққикунанда равон аст, балки бештари онҳо ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои «муғризонаи» давлатҳои абарқудрат равона мешаванд. Дар пайи ҳамкориҳои молиявии байналмиалӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки ҳануз пояҳои рушди иқтисодӣ заиф аст, ноустувории бозори молиявӣ, дар натиҷаи ҳамгирои бозорҳои молиявӣ таъсири

номувозинатии бозорҳои молиявии берунӣ ба бозорҳои миллӣ меафзояд ва инчунин соҳаҳои иқтисодии миллии кишварҳои кӯмакгиранда аз маблағҳои СБММ вобаста мегарданд (саҳ. 28-32). Дар ин маврид зарур аст, ки механизмҳои ҳамкорӣ бо СБММ бояд аз модели «талабкунанда» ба модели «татбиққкунада» табдил ёбад. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббусҳои глобалии худ, татбиқи лоиҳаҳои байналмилалию минтақавӣ ва ҳалли муаммоҳои сатҳи глобалию минтақавӣ ҷалби сармояи молиявиро аз ин созмонҳо ба роҳ монда, ҳам ба раванди ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ суръат бахшад ва ҳам таъмини ҳадафҳои стратегии худро ба роҳ монад.

- ошкор карда шуд, ки ташкили низоми марказонидашудаи назорати давлатии гардиши маблағҳо, дастрасии комил ба маълумоти дақиқи оморӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, мониторинги электронии давлатии истифодаи маблағҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти созмонҳоро муназзам карда, ташкили механизми нави ҳамкорӣ бо роҳи ворид кардани маблағҳо ба буҷети давлатӣ ё бо роҳи ташкили институтҳои давлатии худмухтори танзимкунандаи ин ҷараёнҳо (бонкҳои давлатии инвеститсионӣ, фондҳои давлатии инвеститсионӣ) афзалиятнок ба шумор меравад.

Ҷолибияти навгонии зерин дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф дар диссертатсия пешниҳод менамояд, ки низоми ҳамкориҳо бо СБММ марказонида шуда, ҷиҳати самаранок истифода гаштани онҳо мониторинги доимӣ ва шафофияти дастрасии маълумотҳои комил ба роҳ монда шавад. Ҳамзамон, ташкили институтҳои давлатии худмухтори танзимкунандаи ин ҷараёнҳо ба монанди  бонкҳои давлатӣ, фондҳои давлатӣ ва маблағгузории лоиҳавӣ имконияти самарабахш истифода намудани маблағҳои ҷалбшударо таъмин намуда, бо ин восита «қонуни тиллоии молия»: назар ба хизматарсонӣ фоидаи бештар овардан, ба «гирдоби қарз ворид нагаштан» ва ғайра – таъмин гардад (саҳ. 110-186).

- бо истифода аз методҳои иқтисодӣ – математикӣ модели дурнамои истифодаи маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ дар баробари маблағҳои СБММ ва давлатҳои қарздиҳанда нисбат ба ММД коркард шудааст. Модел нишон додааст, ки истифодаи самараноки маблағҳои интиқолӣ метавонад афзоиши бемайлони ММД-ро таъмин намуда, ба рушди устувори иқтисодӣ мусоидат намояд ва вобастагиро аз маблағҳои СБММ ва дигар донорон кам намояд.

Дар навгонии мазкур вобастагардонии истифодаи маблағҳои интиқолӣ бо маблағҳои молиявии СБММ барои рушди иқтисодиёти кишвар мақсаднок таҳлил ва баррасӣ гаштааст. Нишон дода шудааст, ки дар сурати самаранок истифода гаштани маблағҳои молиявии СБММ ва

маблағҳои интиқолӣ сатҳи камбизоатӣ поён рафта, заминаҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории истифодаи самараноки маблағҳои дохилӣ ба вуҷуд омада, маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ метавонад дар оянда на танҳо барои истеъмолот, балки ҳамчун воситаи андӯхт ва сармояи аҳолӣ ба иқтисодиёт шуда тавонад. Дар ин маврид, вобастагии рушди иқтисодиёти кишвар аз маблағҳои СБММ кам гашта, механизми худтаъминкунии рушд ташаккул меёбад (саҳ. 172-180).

**Аҳамияти назарии таҳқиқот** дар он таҷассум меёбад, ки муқарраротӣ назариявӣ-методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда ҳангоми таҳия ва амалисозии барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати ҳамкории молиявию иқтисодии молияи давлатӣ истифода шуда метавонанд.

**Дар амалия п**ешниҳодҳо ва хулосаҳои илмии таҳқиқоти илмиро метавонанд, ки Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар ниҳодҳои бахши иқтисодӣ дар мавридҳои зерин ба истифода намоянд: - дар мавриди қабули қарорҳои гирифтани қарзҳо ва грантҳо аз СБММ; - дар ҳамоҳангсозии фаъолияти Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ оид ба ташкили шарикӣ бо СБММ; - дар раванди таҳия ва татбиқи Барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; - дар раванди таҳия ва ба имзорасонии Стратегияҳои шарикӣ бо СБММ ва ғайра.

Новобаста аз дастовардҳои илмии муаллиф дар диссертатсия якчанд норасоӣ ва камбудиҳо ҷой доранд:

1. Дар диссертатсия муаллиф пайваста зарурияти ҳамкориҳоро бо СБММ дар самти ҷалби сармояи арзон ва дарозмуддат дастгирӣ намуда, ҳамзамон аз фаъолияти ин ташкилотҳо дар баробари ҷонибдорӣ ва татбиқ намудани манфиатҳои давлатҳои тараққикарда сухан меронад. Дар диссератсия таҳлилҳои мушаххас ва қонеъкунанда оид ба таъсири манфии маблағгузориҳои СБММ камтар оварда шудаанд ва муаллиф ба гуфтаҳои олимони дигар ин ақидаашро асоснок менамояд;
2. Дар параграфи 3.2.-и диссертатсия муаллиф вобаста ба самту усулҳо ва механизмҳои ҳамкории самараноки молиявии Тоҷикистон бо СБММ таҳлилҳои васеъро гузаронида, дар он муаммоҳои мушаххасро овардааст ва модели гузариш аз кишвари «талабкунанда» ба кишвари «татбиқкунада»-и ислоҳотҳои иқтисодӣ дар ташаккули механизмҳои ҳамкории кишвар бо СБММ таҳлил ва пешниҳоди муфиди илмиашро манзур кардааст. Боз ҳам хубтар мешуд, ки муаллиф дар ин параграф вобаста ба мавқеъ ва имкониятҳои Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори ҳалли муаммоҳои глобалӣ ва лоиҳаҳои минтақавӣ ва ғайра ҳамчун

воситаи ҷалби самаранок ва татбиқи манфиатҳои миллӣ таҳлилҳои гузаронидаашро бо пешниҳодҳои худ боз ҳам бештар асоснок менамуд;

3. Дар диссертатсия мутаасифона, вобаста ба таҷрибаи ҳамкориии муваффақи дигар давлатҳо бо СБММ камтар мавод оварда шудааст. Гарчанде, ки параграфи 1.2. заминаҳои консептуалӣ ва таҷрибавии самарабахши ҳамкориҳои давлатҳо бо СБММ номгузорӣ гардида бошад ҳам, аммо дар он дар бораи таҷрибаи ҳамкории давлатҳо бо СБММ камтар сухан рафта, бештар консепсияҳою назарияҳо оварда шудаанд;

4. Дар диссертатсия хатогиҳои грамматикӣ ва стилистикӣ мавҷуд буда, баъзан дар баъзе мавридҳо гузариши мантиқии як ақида ба ақидаи дигар беҳбудиро металабад.

Дар хулоса бояд қайд намоем, ки камбудиҳои ҷойдошта ва зикргашта характери тавсиявӣ ва пешниҳодӣ дошта, онҳо зуд баратарфшаванда мебошанд ва наметавонанд, ки арзиши илмӣ, назариявӣ ва амалии диссератсияи мазкурро коста намоянд.

Диссератсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи «Мукаммалгадонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ» аз рӯи талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шуда, ҳамчун кори мустақилонаи ба анҷомрасонидашуда мебошад ва муаллифи он Тағоев М.Р. сазовори ноил шудан ба дараҷаи баланди унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Сафаров Б.Г.**

734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14, http://www.tgfeu.tj/
**E-mail:** b.safarov@tgfeu.tj
**Тел.:** (+922) 231 02 01 **моб:** (+992) 985 000515

Имзои Сафаров Б.Г. - ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус: ______________ Раҷабов Б.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ